# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи "Тартиби ҳисобкунии таносуби меъёри маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)".

Лоиҳаи "Тартиби ҳисобкунии таносуби меъёри маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)" (минбаъд дар матн – Тартиб) дар асоси моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» таҳия гардидааст.

Бо мақсади мустаҳкам намудани пойгоҳи молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва ноил гардидан ба мустақилияти комили молиявӣ, пурзур намудани пардохтпазирии онҳо ва дар ин замина зиёд намудани эътимоднокии аҳолӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ зарурати таҳия намудани лоиҳаи Тартиби мазкур ба миён омадааст. Ба ғайр аз ин, қабули лоиҳаи Тартиби мазкур барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) замина фароҳам меорад, ки онҳо маблағҳои муваққатан озоди худро ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар сармоягузорӣ намоянд.

Мақсади асосии лоиҳаи Тартиби мазкур аз инҳо иборат мебошад:

- таъмини устувории молиявию иқтисодӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);
- тартиби ҳисобкунии таносуби меъёри маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);
- пурзӯр намудани назорат аз рӯи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҷиҳати сариваќт иҷрогардидани уҳдадориҳои қабулгардида;
- имконияти саривақт ва пурра иҷро намудани уҳдадориҳо аз тарафи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар назди суғурташудагон;
- зиёд намудани сармоягузориҳо ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар.

Ҷиҳати омода намудани лоиҳаи Тартиби мазкур таҷрибаи якчанд давлатҳои ИДМ мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Бояд қайд намуд, ки соҳаи суғурта нисбат ба дигар соҳаҳои хизматарсонӣ соҳаи махсус буда, ҳамеша пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) талаботи муҳиме мебошад, ки дар ҳолати рух додани ҳодисаҳои ногаҳонӣ ҷуброни зарарро саривақт пардохт карда тавонанд.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр, қабули лоиҳаи Тартиби мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад.

Қабули лоиҳаи Тартиби мазкур маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад.

Раис Ҷ. Нурмаҳмадзода